**«Тасдиқ менамоям»**
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои биологӣ,
профессор ______________ Давлатзода С.Х.
«____» ____________ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии
## «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**Рӯзнома:** Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ дар кафедраи методикаи таълими математика факултети математика-информатикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ – Шодиён Муҳаммад Султонзода,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Иштирок доштанд:** д.и.п., профессор Сатторов А.Э., д.и.п., профессор Шодиён М.С., д.и.ф.м., профессор Сафаров Ҷ., д.и.ф.м., дотсент Шамсиддинов Ф., н.и.ф.м., Б.Ф. Файзализода д.и.п., дотсент, Кибориён Б.К., н.и.ф.м., дотсент Абдураҳимов А.О., н.и.ф.м., дотсент Гулова М.Т., н.и.ф.м., Неъматуллоев О., н.и.ф.м., Раҳимов З.Х., н.и.ф.м., Саидназаров Р., н.и.ф.м., Сайдалиев Ҳ., н.и.п., дотсент Шарифов И.Ҷ., н.и.п., Хоҷаев А., н.и.п. Фатҳуллоев Қ., омӯз. Шарипова Л., омӯз. Арбобов Қ., омӯз. Ниёзов С., омӯз. Мирзораҳимов М., омӯз. Ширинов Н., омӯз. Юнусова Ш.А., омӯз. Сафарова С.Ҳ., омӯз. Абдуллоева З., омӯз. Тиллоев Ш.Ҳ., омӯз. Раҳимов Б.Н., омӯз. Боев О.Г., омӯз. Астанақулов Ҳ.А., омӯз. Ятимов А.Ҷ.

**Ҳамагӣ: 28 нафар.**

**Раиси ҷаласа:** н.и.п., Хоҷаев А.

**Котиби ҷаласа:** н.и.п. Фатҳуллоев Қ.

**Экспертони муқаддамотии муассиса:**

1) Д.и.п., дотсент Файзализода Б.Ф. (тақризи мусбат).
2) Н.и.п., дотсент Шарифов И.Ҷ. (тақризи мусбат).
3) Н.и.ф.м., Сайдалиев Ҳ. (тақризи мусбат).

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Мусоева Бунафша Аламхоновна соли 2009 факултети математика Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси информатика хатм намудааст. Соли 2010 ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шуда дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси унвонҷӯй қабул шудааст. Фаъолияти кориро солҳои 2009-2012 ба ҳайси коргузори факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Солҳои 2012-2013 ба ҳайси мудири лабораторияи шӯъбаи эҷодиёти техники ва санъати амалии Маркази Ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилотӣ иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 2013-2014 ба ҳайси мутахассиси шуъбаи таҳияи сиёсат дар соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 2014-2015 дар вазифаи ёвари ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 2015-2016 ба ҳайси ёвари ректори Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Солҳои 2016-2017 ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ. Аз соли 2017 то ин ҷониб дар вазифаи мутахассиси пешбари шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро идома дода истодааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мусоева Бунафша Аламхоновна имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 2-юми декабри соли 2011 бо баҳои аъло, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 13-уми декабри соли 2010 бо баҳои аъло ва назария ва методикаи фанҳои риёзӣ (методикаи таълими математика) дар таърихи 5-уми декабри соли 2018 бо баҳои аъло супорид.

Аз рӯйи натиҷаи муҳокимаи пешакӣ ба рисолаи номзадии Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон», чунин хулоса бароварда шуд:

**Шунида шуд:** Маърӯзаи Мусоева Бунафша Аламхоновна вобаста ба кори диссертатсионияш дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ.

Довталаб натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиашро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

***Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.*** Мубрамияти масъалаи таҳқиқшаванда дар асоси он муайян карда мешавад, ки давраи муосир дар рушди низоми таҳсилот бо ивазшавии парадигмаи таҳсилотӣ ва чун натиҷаи он пайдоиши навъҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, рушди низомҳои педагогии алтернативӣ тавсиф мегардад ва он маънои гузариш аз шаклу методҳои оммавӣ-таҷдидии омӯзиш ба шаклу методҳои омӯзишии ба шахсият самтгиришуда ва инфиродӣ-эҷодиро дорад.

Дар робита бо ин падида, ба омӯзгорони навҷӯ ва дорои тафаккури ғайриқолабии педагогӣ дошта ва ба таҳлилу тарҳрезии мантиқи раванди педагогии мутобиқ бо вижагиҳои инфиродии хонандагони лаёқатдошта, ки битавонанд технологияҳои навини педагогиро эҷод ва дар амал татбиқ намоянд, эҳтиёҷ пайдо гардид.

Дар раванди омодасозии психологию педагогӣ ба ташаккули омодагии касбӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Омӯзиши математика воситаи тавоноӣ рушди қобилияти маърифатӣ ва эҷодӣ мебошад. Ҷанба ва самаранокии инкишофи завқи математикӣ дар синнусоли мактабӣ омили омӯзиши минбаъдаи бомуваффақият дар мактаб хоҳад гардид.

***Мақсад таҳқиқот*** – аз асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии шароити дидактикии зарурӣ ҷиҳати дар омӯзгорони оянда ташаккул додани омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон иборат аст.

***Объекти таҳқиқот*** – раванди технологияи омодасозии омӯзгорониояндаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар муассисаи олии таълимии омӯзгорӣ мебошад.

***Мавзӯи таҳқиқот*** – муҳтаво ва шароити дар донишҷӯён ташаккул додани омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагонро дар бар мегирад.

***Вазифаҳои таҳқиқот:*** ин тавр тасвиб гардидааст:

- раванди ташаккули омодагии донишҷӯён барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон бо муваффақият ҳамроҳ хоҳад буд, агар:
- омодасозии омӯзгорони ояндаро ба амалисозии идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ҳамчун як низоми том баррасӣ гардад, ки он шомили ҷузъиёти ангезавӣ-шахсиятӣ, муҳтавоӣ ва фаъолиятӣ мебошад;
- шароити педагогии мусоид ҷиҳати ташаккули омодагии донишҷӯён барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон фароҳам хоҳад гардид.

Бо дарназардошти ҳадаф, объект, мавзӯъ ва фарзия мо чунин ҳадафҳои таҳқиқотро муайян намудем:

1. Ошкор намудани вижагии фаъолияти омӯзгор оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар шароити муосир;
2. Асосноккунии амсилаи омодагии мутахассиси мушаххас барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон;
3. Муайян кардани шароити педагогии таъминкунандаи ташаккули муваффақонаи омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон;
4. Таъин намудани меъёрҳо ва дараҷаҳои омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии завқи математикии хонандагон.

***Заминаҳои эмпирикӣ*** аз рӯйи вазифаҳои дар назди пажӯҳиши илмӣ гузошташуда муайян карда шуданд, яъне инҳо методҳои омӯзиш ва таҳлили маъхазҳои илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, пурсишнома, мусоҳиба, санҷишгузаронӣ, методи худбаҳодиҳӣ, методи баҳодиҳии рейтингӣ, методи табақабандӣ, методи озмоиши педагогӣ (муқарраркунӣ, ташаккулӣ, назоратӣ), омӯхтани ҳуҷҷатҳои донишҷуён аз рӯйи натиҷаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошанд.

***Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.*** Гирдоварии мавод ва омӯзишу таҳлили адабиёт вобаста ба мавзӯъ ва объекти таҳқиқотӣ ва ба нашр расонидани мақолаҳои илмиву таҳияи диссертатсия ба се марҳила табақабандӣ шудааст:

- *марҳилаи якум* (солҳои 2011-2014) омӯзиши маъхазҳои психологӣ-педагогӣ аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот ва таҳлили масъала роҳандозӣ гардида, ҳолати воқеии омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавзуъ ва объекти таҳқиқот тадқиқ шуданд.
- *марҳилаи дуюм* (солҳои 2014-2017) кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба ташаккул додани маҳорати идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар омӯзгорони оянда амалӣ гардида, омӯзиши маъхазҳои илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда идома ёфт ва баъзе нуктаҳои назариявӣ-методологии фарогирандаи диссертатсия тадқиқ гардиданд.
- *марҳилаи сеюм* (солҳои 2017-2020) натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ таҳлилу ҷамъбаст шуда, маводи диссертатсионӣ ба шакли матн дароварда шуд ва оид ба мавзӯъ хулосабарорӣ амалӣ гардид.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** натиҷаҳои бадастомадаро мувофиқати методология ва методҳои интихобшудаи таҳқиқот бо масъалаҳои матраҳгардида, санҷиши интихобии маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, муштаракии таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ таъмин менамояд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот:***

- амсилаи омодагии омӯзгори оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар намуди ягонагии ҷузъиёти ангезавӣ-шахсиятӣ, муҳтавоӣ ва фаъолиятӣ асоснок гардида, дар тавсифномаи тахассусии омӯзгори амалисозандаи инкишофи завқи математикии

хонандагон муҳтавои ҳар яке аз он ҷузъиёт шарҳу тафсир ёфтааст ва маҳорати омӯзгор оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон аз рӯйи марҳилаҳои таркиби амалиётии идоракунӣ мушаххас гардидааст;

– шароити педагогии зарурӣ ҷиҳати ташаккули омодагии донишҷӯён барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз лиҳози таҷрибавӣ тафтиш карда шудаанд.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро*** асосҳои назариявию методологии омӯзиши технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ташкил медиҳад. Маводи назариявии омӯзишӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ муфид буда, дар таълими математика пурра истифода карда мешавад. Маводи таҳқиқот инчунин барои навиштани дастурҳои методӣ ва таълимӣ дар соҳаи методикаи таълими математика хизмат мекунад.

Дар коркард ва дар амал татбиқ гардидани курси махсуси «Идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» дар танзими тавсифномаи тахассусии мутахассис оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон мебошад, ки метавонад тавсифномаи тахассусии омӯзгорро дар таъйини нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои сатҳи ташаккули омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон такмил ва пурра намояд, ки он ба устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ имконият медиҳад, ки саривақт ва босамар раванди омодагии донишҷӯёнро барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон таҳти назорат дошта бошанд.

***Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда***

– технологияи омодасозии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон, ки шомили ҷузъиёти ангезавӣ-шахсиятӣ, муҳтавоӣ ва фаъолиятӣ мебошад.
– шароити дидактикие, ки ба ташаккули бомуваффақияти омодагии донишҷӯён барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон мусоидат мекунанд.
– меъёрҳои асосии омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон, ки бо кумаки онҳо метавон натиҷаҳои мушаххаси омодасозии омӯзгорониояндаро арзёбӣ намуд.

***Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.*** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 12 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 4-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Муаллифи рисола доир ба масъалаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳои давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» «Нақши фанҳои табиӣ- риёзӣ дар рушди саноати тоҷик» (Бӯстон, 2020), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бо иштироки байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он» (Бохтар, 2020), Роҷеъ ба асосҳои назариявии омодагии омӯзгорони оянда ба раванди идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон». (Душанбе, 2020) ва дигар маводҳои конфросҳои гуногун маъруза карда шуда, нашр гардидааст.

***Хулосаи умумии ҷаласа.*** Диссертатсияи номзадии Мусоева Б.А. дар мавзӯъи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ пурра мувофиқат мекунад.

________________________ *д.и.п., профессор Б.Ф. Файзализода*

________________________ *н.и.п., дотсент И.Ҷ. Шарифов*

________________________ *н.и.ф.м, Ҳ. Сайдалиев*

## ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТҲО

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Мусоева Б.А. дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» кори баитмомрасидаи мустақили илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати ҶТ, аз 30.06.2021, №267) омода гардидааст.
2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори нахуст ба таври комил асосноккунии назариявию методӣ, коркарду тасвиби таъминоти ташкилӣ ва педагогии омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон барои фаъолият дар шароити амалишавии муносибати босалоҳият дар таълим таҳия ва анҷом дода шудааст.
3. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назарӣ ва амалии илми педагогика ва методикаи омӯзишро такмил медиҳанд ва ба рушди методикаи таълими математика, ки дар ҷумҳурии мо мубримияти он баръало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.
4. Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб эътимоднок буда, хулосаву тавсияҳои диссертатсионии ӯ асоснок мебошанд. Таҳқиқот дар заминаи маҷмӯи калони маълумоти таҷрибавӣ ва озмоишҳои компютерӣ анҷом ёфта, ҳадафҳои гузошташуда ба нишон расидаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар асоси методологияи диди системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси педагогию компютерӣ шакл гирифта, тавассути технологияҳои амсиласозии математикӣ ва баргузории озмоишҳои педагогӣ ба даст омадаанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада натиҷаҳои бадастомадаро мувофиқати методология ва методҳои интихобшудаи таҳқиқот бо масъалаҳои матраҳгардида, санҷиши интихобии маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, муштаракии таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ таъмин менамояд.
6. Диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**ҚАРОРИ ҶАЛАСА**

1. Диссертатсияи номзадии Мусоева Б.А. дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати ҶТ, аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ омода гардидааст.
2. Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкуни тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.
3. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперименталӣ, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле созгор мебошад.
4. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии шароити дидактикии зарурӣ ҷиҳати дар омӯзгорони оянда ташаккул додани омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон иборат аст, ки онҳоро дар амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) босамар истифода бурдан мумкин аст.
5. Диссертатсияи номзадии Мусоева Б.А. дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимоя пешниҳод

карда шавад. Муаллифи диссертатсия бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими математикаи ДДБ ба номи Н. Хусрав аз 30-уми марти соли 2022, протоколи №8 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 28 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктори илм, 10 нафар номзади илм, 13 нафар омӯзгори калону ассистентон.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 28 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №8 аз 30.03.2022.

Раиси ҷаласа,
н.и.п., и.в. дотсент — Хоҷаев А.

Котиби ҷаласа,
н.и.п., и.в. дотсент — Фатҳуллоев Қ.

Тасдиқ мекунам:
Сардори ШК — Ҷ.А. Шукурзод

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Бохтар, к. Айнӣ 67, ДДБ, кафедраи МТМ